# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи илмии Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардоии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ихтисоси: 6D050700- Менеҷмент(6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)пешниҳод шудааст.**

Маълум аст, ки ҳифзи иҷтимоӣ на балки дар шароити муосир балки он дар ҳама давру замон зери таваҷҷуҳи асосии ҳукумат ва давлат қарор дошт. Чунки бо равани идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти аҳолӣ бо унсурҳои ба онҳо нигаронидашуда бароҳ монда мешавад. Аз ин лиҳоз докторанти PhD Холиқзода Аҳлиддин Юлдош ҳанӯз, аз давраи донишҷӯ ва унвонҷӯ буданаш ба мавзӯи мазкур ва омӯзиши он диққати ҷиддӣ медод. Ҳангооми таҳсил дар магистратура ба навишти мақолаҳо дар ин бахш аҳамият дода, якчанд мақолаҳо ба табъ расонидааст.

Фаъолиятшро аз соли 2014 то 2016 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва бонкдории факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулҳи Рӯдакӣ фаъолият кардааст. Солҳои 2017-2018 ба ҳайси мушовири академии (эдвайзер) факултети молиявию иқтисодии донишгоҳи мазкур кор кардааст. Аз соли 2018 то 2021 дар зинаи докторантураи PhD-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент таҳсил кардааст. Аз соли 2021 то инҷониб муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият карда истодааст.

Диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош зери унвони «Мукаммалгардоии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи милии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар ҳоли ҳозир Холиқзода Аҳлиддин «Мукаммалгардоии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ихтисоси: 6D050700- Менеҷмент(6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи милии Тоҷикистон дар давраи 2018- 2021 омода гардидааст.

Номбурда дар иҷрои кори илмӣ, махсусан дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти илмӣ оид ба ҷанбаҳои назариявии мавзуи илмию таҳқиқотӣ қобилияти хуби пешбурди кори илмӣ, масъулият ва мустақилият нишон дода тавонист.

Дар давраи иҷрои кори илмӣ Холиқзода Аҳлиддин 12 мақолаи илмӣ (аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳия ва аз чоп баровардааст.

Савияи дониш, усулҳои таҳқиқот ва ҳуҷҷатҳои оид ба таҳсилот пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Холиқзода А.Ю. стандартҳои таҳсилоти олии касбии дар ҷумҳурӣ қабулшуда мувофиқат мекунанд. Натиҷаи асосии таҳқиқот ва нуктаҳои муҳими диссертатсияи Холиқзода А.Ю. дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2018-2023 баррасӣ гардидаанд. Нуктаҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалии илмию амалӣ низ қироат ва мавриди қабул гардиданд.

Марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунии мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳамиятнокии он бо иштироки бевоситаи диссертант таҳия карда шудааст. Таҳияҳои илмии диссертант дар раванди омӯзиш дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар раванди таълим ҳангоми таълими курсҳои «Менеҷмент», «Менеҷменти иҷтимоӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат» ва ғайра истифода бурда шуданд.

Хулоса ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ асоснок ва мутобиқ ба талаботи мавҷуда омода шудаанд. Дар маҷмуъ, рисола аҳамияти кифояи илмӣ ва назаривию амалиро дорост ва кори илмӣ-таҳқиқотии ба итмомрасида дар сатҳи ҷавобгӯи талабот қарордошта ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи«Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ихтисоси: 6D050700- Менеҷмент(6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдодашуда ва мантиқан ба итмомрасида буда, арзиши назариявӣ ва амалӣ дошта, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ, д.и.и, профессори**
**Донишгоҳи милии Тоҷикистон** **Қурбонов А.К.**

**Қурбонов Абдулхайт Каримович,**
**Тел: (+992) 917242483**

**Имзои Қурбонов А.К.– ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**“__19__” ____01____ 2024** **Тавқиев Э.Ш**